آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 июли соли 2025 Шанбе
№ 54 (15169)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДОИР БА РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲО ДАР ДОИРАИ СҲИ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМРО ПЕШБАРӢ КАРД

*Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев 2-4 июл бо сафари давлатӣ дар ин мамлакат шуд.*



Роҳбари давлат дар нишасти 17-уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар шаҳри Хонкендӣ иштирок кард.

Дар чорабинӣ, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев гузашт, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдуғон, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Олҷас Бектенов, муовини Раиси Девони Вазирони Туркманистон – вазири корҳои хориҷӣ Рашид Мередов, иҷрокунандаи вазифаи муовини Сарвазири Афғонистон Мулло Абдул Ғанӣ Бародар, саркотиби СҲИ Асад Маҷид Хон ва роҳбарони ҳайатҳои як қатор давлат ва созмонҳои минтақавӣ ширкат намуданд.

Дурнамои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанба дар доираи СҲИ мавриди баррасӣ қарор ёфт, оид ба мушкилоти кунунии байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Президент Шавкат Мирзиёев дар оғози суханронии худ хавфу хатарҳоеро, ки ба амният ва рушди устувор таҳдид мекунанд, қайд намуд.

Роҳбари Ўзбекистон бори дигар таъкид кард, ки бо роҳи дипломатӣ ва музокироти созанда ҳал кардани низоъ ва баҳсҳо муҳим аст.

Дар баробари ин ёдовар гардид, ки бидуни ҳалли одилонаи зиддиятҳои Фаластину Исроил наметавон дар Шарқи Наздик сулҳу осоишро пойдор кард.

Ҳангоми гузаштан ба рӯзномаи ҷамъомад, Президенти Ўзбекистон ба як қатор масъалаҳои мубрам диққат кард.

Пеш аз ҳама, аҳамияти қабули консепсияи «Ҳадафҳои стратегии ҳамкориҳои иқтисодӣ – 2035» ба мақсади пешбурди самтҳои афзалиятнокро зикр кард, ки ба рушди миёнамӯҳлат ва дарозмуддати созмон нигаронида шудаанд. Дар ҳуҷҷат баробари самтҳои анъанавӣ, бояд ба таҳкими ҳамкориҳо дар бахшҳои инноватсия, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ низ эътибори алоҳида дода шавад.

Бахусус, масъалаҳои содагардонии савдои мол ва хидматҳо, тадриҷан бартараф намудани монеаҳои техникӣ ва нотарифӣ, рушди тиҷорати электронӣ таъхирнопазир боқӣ мемонад.

Пешниҳод гардид, ки барои баррасии масоили стратегӣ дар ин замина ва қабули Созишнома дар бораи содагардонии тиҷорат соли ҷорӣ нишасти вазирони тиҷорат дар Тошканд баргузор шавад.

Сарвари давлат ташаббуси созмони системаи «роҳравҳои сабз»-ро барои табодули босуръати маълумотҳо оид ба савдои маҳсулоти кишоварзӣ ва бидуни мамонийят расондани онҳо пешбарӣ кард.

Аҳамияти қабули барномаи дарозмуддати «Экоинвест» бо мақсади ба марҳилаи нав баровардани ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва ташаккули фазои боз ҳам шаффофу ҷолиби сармоягузорӣ таъкид шуд.

– Ҷалби васеи сармоягузорони хусусӣ, бонк ва созмонҳои байналмилалии молиявиро ба лоиҳаҳои ояндадори минтақа, мақсади асосии ин барнома меҳисобем, – гуфт роҳбари Ўзбекистон.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НИШАСТИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ

Сарони муҳтарами ҳайатҳо!

Аз он, ки имрӯз бо шумо дар замини қадимаи Қарабоғ — шаҳри зебои Хонкендӣ, ки мероси беназири таърихӣ ва фарҳангиро дар худ таҷассум кардааст, дидор мебинем, хеле шодам.

Имрӯз воқеан мебинем, ки ин минтақа тадриҷан ба макони созандагӣ ва сулҳ мубаддал мегардад ва ин моро ҳамчун бародарони ҳақиқӣ хеле хушҳол месозад.

Ба муносибати ташкили нишасти Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар ҳамин замин ва барои қабули гарму самимӣ ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Илҳом Алиев изҳори миннатдории амиқ мекунам.

Пас аз нишасти таърихии мо дар Тошканд, дар роҳи таҳкими иқтидори институтсионалии Созмон ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самтҳои нав дастовардҳои назаррас ба даст оварда шуданд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, мехоҳам раёсати самарабахши Ҷумҳурии Қазоқистонро дар доираи Созмони мо махсусан таъкид намоям.

Ҳамзамон, аз он шодем, ки баъд аз танаффуси тӯлонӣ ҳайати Ҳукумати муваққатии Афғонистон дар ҳамоиши мо ширкат мекунад. Зеро мо Афғонистони ҳамсояро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фазои Созмони худ, иштирокчии муҳими ҳамкориҳои иқтисодии васеъмиқёс ва раванди ҳамгироии инфрасохторӣ ва нақлиётӣ медонем ва онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем.

Ҳозирини гиромӣ!

Нишасти имрӯзаи мо дар шароити бисёр мураккабе баргузор мегардад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ айни замон як бӯҳрони шадидро аз сар мегузаронад.

Хусусан, маҳз дар фазои кишварҳои Созмони мо содир гардидани аксарияти низоъ ва мухолифатҳо маҳз далели равшани фикрамон мебошад. Ҳодисаҳои охири моҳҳои гузашта дар Осиёи Ҷанубӣ ва Ховари Миёна ҳамаи моро сахт нигарон намудааст.

Таназзули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва институтҳои амнияти глобалӣ муколама ва ҳамкориро боз ҳам сусттар гардонида, роҳро ба истифодаи зӯроварӣ ва хушунат боз мекунад. Махсусан, амалиётҳои ҳарбӣ алайҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки узви Созмони мост, хатари кашида шудани тамоми минтақа ба гирдоби ҷанг ва пайдо шудани як манбаи нави фалокати экологиро ба вуҷуд овард.

Мо созиш дар бораи оташбас миёни Эрон ва Исроилро пурра дастгирӣ менамоем ва ин қарорро як қадами муҳим ба сӯи коҳиши зиддиятҳо ва барқарорсозии амният дар минтақа меҳисобем.

Бовар дорем, ки ин созиш барои ҳалли ҳама мушкилот тавассути музокироти дипломатӣ ва созанда асоси мустаҳкам хоҳад гузошт.

Бо дарназардошти он ки паҳн накардан ва худдорӣ аз истифодаи силоҳи қатли ом яке аз масъалаҳои муҳимтарини амнияти байналмилалӣ мебошад, ҷомеаи ҷаҳониро боз як бор ба васеъ намудани ҷуғрофиёи минтақаҳои озод аз силоҳи ҳастаӣ даъват мекунем.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки бе ҳалли одилонаи мухолифати Фаластин ва Исроил ба сулҳ ва суботи устувор дар Ховари Миёна расидан ғайриимкон аст.

Мо тарафдори бас кардани амалиёти ҳарбӣ дар сектори Ғазо, барҳам додани ҳама гуна монеаҳо дар роҳи расондани ёрии башардӯстона ба аҳолие, ки аз гуруснагӣ ва шароити ғайриинсонӣ ранҷ мекашанд, ҳастем ва аз ташкили давлати мустақили Фаластин мутобиқи қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид ҷонибдорӣ мекунем.

Муҳтарам иштирокчиёни нишаст!

Асоси ҳар гуна сулҳ ва пешрафт, пеш аз ҳама, бо ҳамкориҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, шарикӣ дар доираи Созмони мо имрӯз на танҳо як амри табиӣ, балки аҳамияти стратегии фавқулода муҳим низ дорад.

Бо дарназардошти рӯзномаи ҷаласаи имрӯза, мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба як қатор масъалаҳо ҷалб намоям.

Пеш аз ҳама, мо бояд самтҳои асосии рушди устувори Созмони худро дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат муайян намоем.

Дар ин замина, зарур мешуморем, ки Консепсияи «Ҳадафҳои стратегии ҳамкории иқтисодӣ — 2035» қабул карда шавад. Дар ин ҳуҷҷат, дар баробари самтҳои анъанавӣ ба мисли савдо, сармоягузорӣ, нақлиёт, энергетика, саноат, кишоварзӣ, экология, сайёҳӣ ва маориф, бояд ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои инноватсия, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳи махсус дода шавад.

Дар доираи Созмони мо масъалаи содасозии савдои молу хизматрасонӣ, бартарафсозии тадриҷии монеаҳои техникӣ ва ғайритарифӣ ва рушди тиҷорати электронӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Мехостам диққати шуморо ба ин ҷалб кунам: айни ҳол ҳаҷми савдои мутақобила дар сатҳи паст қарор дорад. Ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 95 миллиард доллар расида, танҳо 10 фоизи гардиши умумии савдои кишварҳоямонро ташкил дод.

Бо мақсади баррасии масъалаҳои стратегӣ дар ин самт ва мувофиқа намудани Созишномаи содасозии савдо, мо ташаббус ба миён мегузорем, ки имсол дар шаҳри Тошканд вохӯрии вазирони савдо баргузор гардад.

Илова бар ин, муҳим мешуморем, ки як низоми «роҳрави сабз» таъсис дода шавад, ки мубодилаи фаврии иттилоот ва интиқоли бемонеаи маҳсулоти кишоварзиро таъмин намояд.

Бо мақсади ба марҳилаи нав баровардани ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва боз ҳам шаффофу ҷолибтар гардондани муҳити сармоягузорӣ, ташаббус ба миён мегузорем, ки барномаи дарозмуддати «Экоинвест» қабул карда шавад.

Мо бовар дорем, ки ҳадафи асосии ин барнома ҷалби васеи сармоягузорони хусусӣ, бонкҳо ва муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ба лоиҳаҳои ояндадори минтақаамон хоҳад буд.

Боз як самти устувор. Ҳодисаҳои геосиёсии ахир боз як бор исбот карданд, ки хатари қатъ гардидани занҷираҳои логистикаи байналмилалӣ то чӣ андоза баланд аст ва ташаккули роҳравҳои алтернативии нақлиётӣ аҳамияти стратегии бузург дорад.

Соли гузашта оғози татбиқи лоиҳаи роҳи оҳани Чин — Қирғизистон — Ўзбекистон як рӯйдоди муҳим гардид. Дар оянда, ин шоҳроҳи асосӣ ба масири трансафғонистонӣ пайваст шуда, имконият медиҳад, ки шабакаҳои транзитии минтақаи васеи мо самаранок ба ҳам муттаҳид гарданд.

Бо мақсади ба роҳ мондани рақамисозии низомнок дар соҳаи нақлиёт ва логистика, мо чунин меҳисобем, ки вақти татбиқи амалии ташаббуси таъсиси Идораи рақамии нақлиёт ва гумрук фаро расидааст ва ҷонибдори суръат бахшидани музокироти сатҳи коршиносон ҳастем.

Кушодани хатсайрҳои нави ҳавоӣ дар минтақа, роҳандозии шаклҳои инноватсионии ҳамкорӣ миёни ширкатҳои ҳавопаймоӣ, таҳияи стратегияҳои интегратсионӣ дар бахшҳои сайёҳӣ ва ҳавопаймоӣ аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Бо мақсади баррасии ин масъалаҳо пешниҳод менамоем, ки Форуми миллии ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар шаҳри Самарқанд баргузор гардад.

Дар оянда мо потенсиали кофӣ дорем, ки ҷараёни сайёҳонро ду баробар афзоиш диҳем. Таҳияи «харитаи роҳ» оид ба густариши хизматрасониҳои сайёҳӣ дар доираи Созмон ба амалӣ гардидани ин ҳадафи нек хизмат хоҳад кард.

Мехоҳам диққати шуморо ба як масъалаи муҳими дигар ҷалб намоям.

Бинобар масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаҳонии иқлим дохил шудаанд, муттаҳид сохтани саъю талош ва кӯшишҳои давлатҳои мо бисёр муҳим мебошад. Мо қатъиян ҷонибдори татбиқи пурраи ӯҳдадориҳо ва созишҳое ҳастем, ки дар Нишасти глобалии иқлим (COP-29) дар шаҳри Боку бомуваффақият қабул шуданд.

Дар доираи Созмон пешниҳод мекунем, ки Барномаи транссарҳадии «сабз» таҳия гардад, ки ташкили ҷангалҳо дар минтақаҳои биёбон ва таъсиси минтақаҳои рекреатсионӣ (истироҳатӣ)-ро дар бар гирад.

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Мо фаъолияти Кумитаи сатҳи баландро, ки бо мақсади такмил додани фаъолияти Созмон таъсис дода шудааст, мусбат арзёбӣ менамоем. Пешниҳод дорем, ки ба Кумита вазифаи таҳияи таклифу тавсияҳои мушаххас оид ба ислоҳи фаъолияти Созмон то саммити навбатӣ дода шавад. Ман бовар дорам, ки фикри маро ҷонибдорӣ хоҳед кард.

Бешубҳа, чунин ислоҳот ба баровардани ҳамкории мо ба сатҳи нав, баланд бардоштани нуфуз ва эътибори Созмон дар саҳнаи байналмилалӣ ва мутобиқ сохтани фаъолияти он ба талаботи замон хизмат хоҳад кард.

Боварӣ дорам, ки нишасти имрӯзаи мо ба амалишавии ниятҳо ва нақшаҳои бузурги мо дар самти тавсеаи ҳамкориҳои фарогир ва амалӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Барои эътиборатон ташаккур!

# ЎЗБЕКИСТОН — ОЗАРБОЙҶОН: ФОРМАТИ СЕРТАЛАБИ ҲАМКОРӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ МУШКИЛОТИ ҶАҲОНӢ

***Мутахассисони хориҷӣ ба натиҷаҳои пешакии сафари давлатии Президенти Ўзбекистон ба Озарбойҷон ва чорабиниҳои дар доираи он баргузоршуда баҳои баланд медиҳанд.***

Сафари давлатии Президент Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Озарбойҷон марҳилаи муҳими рушди муносибатҳои дуҷонибаро ифода мекунад.

Аз ҷумла, ба имзо расидани санадҳои калидӣ 2 июл дар натиҷаи музокироти сатҳи олӣ, ба андешаи таҳлилгарон, аз дурнамои калон барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва муносибатҳои ҳампаймонӣ шаҳодат медиҳад.

Рӯйдоди муҳими барномаи сафар баргузор шудани ҷаласаи дуюми Шӯрои олии байнидавлатии Ўзбекистон ва Озарбойҷон гардид. Таҳлилгарон бар онанд, ки таъсиси ин формат дар таърихи муносибатҳои дуҷониба марҳилаи муҳим буда, сатҳи баланди эътимоди сиёсиро инъикос мекунад ва натиҷаҳои ҷаласа низ садоқати мутақобилаи ҷонибҳоро ба ҳамкории фаъол дар ҳама самтҳо тасдиқ намуд.

Чорабиниҳои рамзии дигар маросими тантанавии гузоштани санги асоси боғи «Ўзбекистон» ва ифтитоҳи расмии бинои нави сафорати Ўзбекистон дар шаҳри Боку буданд, ки оғози марҳилаи нави сифатан баланд дар равобити дипломатӣ ва таҳкими муколама байни Тошканд ва Боку гардиданд.

Президенти Ўзбекистон инчунин хотираи роҳбари умумимиллии халқи Озарбойҷон Ҳайдар Алиев ва қаҳрамонони Озарбойҷонро пос дошт. Ин аломатҳои самимии таваҷҷуҳ на танҳо наздикии таърихӣ ва маънавии халқҳои ӯзбеку озариро собит карданд, балки сатҳи баланди дӯстӣ ва эътимод байни роҳбарони ду кишварро низ намоиш доданд.

Ба андешаи коршиносони байналмилалӣ, натиҷаҳои ибтидоии сафар тасдиқ мекунанд, ки Ўзбекистон ва Озарбойҷон — давлатҳои калидӣ дар минтақаҳои худ — намунаи муваффақи ҳамкории самаранок ва манфиатбахшро нишон медиҳанд, ки ба рушди устувори на танҳо Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ, балки тамоми қораи Авруосиё нигаронида шудааст. Ин формати ҳамкории байнидавлатӣ дар пасманзари чолишҳои глобалӣ боз ҳам талаботи бештар пайдо карда, ба таҳкими субот, ҳамгироии иқтисодӣ ва ҳамсоягии нек дар фазои васеи қитъа мусоидат мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДОИР БА РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲО ДАР ДОИРАИ СҲИ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМРО ПЕШБАРӢ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар шароити кунунии геосиёсӣ ташаккули долонҳои алтернативии нақлиётӣ вазифаи муҳими стратегӣ мебошад. Таъкид гардид, ки лоиҳаи роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» чун пайвандгари долони ояндадори Трансафғонистонӣ барои пайвастани босамари шабакаҳои транзитии минтақаи васеъ имкон медиҳад.

Роҳбари давлат инчунин пешниҳоди тезонидани таъсиси Идораи нақлиёт ва гумруки рақамӣ бо мақсади роҳандозии корҳои системавӣ оид ба рақамикунонии соҳаи нақлиёт ва логистикаро пешбарӣ кард.

– Кушодани хатсайрҳои нави ҳавоӣ дар минтақа, роҳандозии шаклҳои инноватсионии ҳамкориҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ, таҳияи стратегияҳои маркетинги маҷмӯӣ байни бахшҳои сайёҳӣ ва авиатсия аз вазифаҳои таъхирнопазир мебошанд, – гуфт роҳбари Ўзбекистон.

Пешниҳод шуд, ки ба хотири баррасии ин масъалаҳо имсол дар Самарқанд Форуми миллии ширкатҳои ҳавопаймоӣ баргузор шавад.

Зикр гашт, ки барои ду баробар зиёд кардани шумораи сайёҳон имкониятҳои калон мавҷуданд. Қабули «харитаи роҳ» оид ба густариши хидматрасонии сайёҳӣ дар доираи созмон ба ин хидмат мекунад.

Сарвари давлати мо аҳамияти муттаҳидсозии саъю кўшишро оид ба масъалаҳои рўзномаи ҷаҳонии иқлим қайд намуда, ташаббуси таҳияи «барномаи сабз»-и фаромарзӣ оид ба бунёди ҷангал ва минтақаҳои истироҳатӣ дар манотиқи биёбонро ба миён гузошт.

Роҳбари Ўзбекистон кори Кумитаи сатҳи олиро мусбат арзёбӣ намуда, пешниҳод кард, ки то баргузории нишасти навбатӣ барои такмили фаъолияти СҲИ тавсияҳои мушаххас омода кунад.

– Ислоҳот барои ба сатҳи нав баровардани ҳамкориҳои мо ва боз ҳам баланд бардоштани обрўю эътибор ва нуфузи созмон дар арсаи байналмилалӣ хидмат хоҳад кард, – гуфт Президент.

Сарвари давлат дар фарҷоми суханронии худ изҳори итминон кард, ки ин ҳамоиш ба ҳамкориҳои амалии бисёрҷониба дар доираи Созмони ҳамкории иқтисодӣ суръати бештар бахшида, марҳилаи навро оғоз мебахшад.

Дар ҳошияи нишасти Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар шаҳри Ханкендӣ вохўрии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф баргузор гардид.

Масъалаҳои муҳими тавсеа ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ўзбекистон ва Покистон бар асоси «харитаи роҳ»-и қабулшуда баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ қайд гардид, ки тамосҳои фаъол дар сатҳҳои гуногун идома доранд. Ҳаҷми савдои дуҷониба, шумораи корхонаҳои муштарак ва парвозҳои мустақим афзоиш меёбанд. Хонаҳои савдо дар Қарочӣ ва Лоҳур таъсис ёфтаанд.

Ба раванди суръатбахшии лоиҳаҳо ва барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва нақлиётӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла пешбурди сохтмони роҳи оҳани Трансафғонистон таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Зарурати самарабахш баргузор намудани ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ ва форуми тиҷоратӣ, ки соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, таъкид гардид.

Роҳбарони Ўзбекистон ва Покистон ҳамчунин оид ба масъалаҳои байналмилалӣ ва рўзномаи минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

Мухтасар, барномаи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Озарбойҷон пур аз чорабиниҳои босамар буд.

2 июл дар доираи будубош дар шаҳри Боку Сарвари кишвари мо бо Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев музокирот анҷом дод.

Ҷаласаи дуюми Шўрои олии байнидавлатӣ баргузор гардид.

Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Ўзбекистон ва Озарбойҷон, инчунин дурнамои густариши ҳамкориҳои амалӣ баррасӣ шуданд.

Зимни сафар бастаи назаррасе ҳуҷҷатҳои дуҷониба оид ба самтҳои гуногуни ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар шаҳри Боку роҳбарони ду кишвар ба боғи «Ўзбекистон» таҳқурсӣ гузошта, бинои нави сафорати кишварамонро ифтитоҳ карданд ва бо фаъолияти маҷмааи курортии «Sea Breeze» шинос шуданд.

3 июл Президенти Ўзбекистон ва Президенти Озарбойҷон якҷо бо фаъолияти корхонаи муштараки дўзандагии Ўзбекистон-Озарбойҷон дар шаҳри Ханкендӣ, инчунин бо маҷмааи таърихию меъмории «Имарет» дар Ағдам шинос шуданд.

Бо ҳамин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Озарбойҷон анҷом ёфт.

**ЎзА.**

***Ғаллакорони вилояти Самарқанд имсол дар 94,5 ҳазор гектар замин тухмӣ пошида ва мушкилиҳои табиатро мардонавор паси сар карда, ҳосили фаровон гирифтанд. Ба хирман 821 ҳазор тонна ғалла рехтанд ва аз ҳар гектар майдон 87,1 сентнерӣ ҳосил рўёнданд, ки нисбат ба соли гузашта 13,1 сентнерӣ афзун аст.***

# ҒАЛЛАКОРОН ҲОСИЛИ ФАРОВОН ГИРИФТАНД

Ба ин комёбӣ 4 ҳазору 648 хоҷагии фермерӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Дар ноҳияҳои Пахтачӣ, Нарпай, Каттақўрғон, Ҷомбой ҳосилнокӣ 90-96 сентнерӣ ва ҳатто аз он зиёдро ташкил дод.

– Мо ба хоҷагиҳои фермерӣ беш аз 331 миллиард сўм кумакпулӣ додем,– гуфт ҷонишини сардори садорати идораи хоҷагии қишлоқи вилоят Беҳзод Тугалов, – инчунин барои хариди техникаи пуриқтидор саҳми арзанда гузоштем. Имсол дар маъракаҳои ғалладаравӣ 255 отряд ва як ҳазору 110 техника ҷалб карда шуд.

Деҳқонони соҳибтаҷриба иброз намуданд, ки тухмии баландсифат ва ба бемориҳо тобовар гарави ҳосили фаровон аст. Ҳоло дар қаламрави Самарқанд навъи гандуми «Краснодар», «Навбаҳор», «Гром», «Давр», «Юксалиш» ва ғайра кишт мешаванд.

Дар минтақа барои гирифтани ҳосили фаровон аз ҷуворимакка, картошка, шалғам, сабзӣ ва дигар гуна маҳсулот деҳқонону фермерҳо камари ҳиммат бастаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Муносибат*

# ҲАМКОРИИ БА ФАРОВОНИИ УМУМӢ НИГАРОНДАШУДА

***Дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда, ки бо даъватҳо ва имкониятҳои нав алоқаманд аст, Ўзбекистон садоқати худро ба муколамаи амалӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд нишон медиҳад. Дар ин замина, рушди ҳамкорӣ бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) ва Шўрои олии иқтисодии Авруосиё барин ниҳоди асосӣ, ки роҳбарони давлатҳои аъзои ин иттиҳодро муттаҳид мекунад, аҳамияти хоса дорад.***

Пас аз он ки Ўзбекистон соли 2020 мақоми нозирро дар ИИАО ба даст овард, ҳамкориро бо Шўрои олии иқтисодии Авруосиё ҳамчун як органи стратегӣ ва ҳамоҳангсози сатҳи баланд пайваста таҳким мебахшад.

Ўзбекистон аз ҷиҳати таърихӣ, ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ ба фазои Авруосиё мутобиқ аст. Ҳамроҳ шудан ба ташаббусҳои Авруосиё ба кишвари мо имконият медиҳад, ки ба бозори умумии бузурги 180 миллионнафарӣ роҳ ёбад. Ҳамкорӣ бо ИИАО идомаи мантиқии талошҳои Ўзбекистон ҷиҳати тақвияти пайвандҳои нақлиётӣ, таҳкими ҳамгироии саноатӣ, рушди савдо ва мубодилаи технология мебошад.

Дар ҷаласаи Шўрои олии иқтисодии Авруосиё, ки 27 июн дар шаҳри Минск баргузор шуд, Президенти Ўзбекистон низ иштирок карда, дар суханронии худ қайд кард, ки густариши ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ бо Шўрои олии иқтисодии Авруосиё яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ўзбекистон мебошад.

Мавзўи даъватҳои нави технологӣ низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Роҳбари давлатамон пешниҳод намуд, ки барномаи махсуси ҳамкорӣ қабул карда шавад, ки самтҳои рақамисозӣ, савдои электронӣ, нишондоди рақамии маҳсулот, таъсиси насли нави платформаҳои логистикии инноватсионӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои муҳими иқтисодро дар бар мегирад.

Президенти мо ҳамчунин қайд кард, ки иштироки Ўзбекистон дар барномаи «Экспресси аграрии Авруосиё», рушди рақамисозии боркашонӣ ва саҳми фаъол дар рўзномаи иқлим ба таҳкими ҷойгоҳи кишварамон дар инфрасохтори аграрӣ ва логистикии минтақа мусоидат хоҳад кард.

Амалӣ намудани нақшаи сесола, ки тақрибан 40 чорабиниро ҷиҳати бартарафсозии монеаҳои техникӣ ва мутобиқсозии регламентҳо дар бар мегирад, ба афзоиши устувори гардиши мол миёни Ўзбекистон ва Шўрои олии иқтисодии Авруосиё хизмат хоҳад кард.

Ба масъалаи дастгирии тиҷорати хурду миёна, коҳиши монеаҳои маъмурӣ ва густариши ҳамкорӣ ҷиҳати тақвияти фаъолиятҳои соҳибкорӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Ўзбекистон бо изҳори ҳавасмандӣ барои содда кардани муҳоҷирати меҳнатӣ ва мубодилаи касбӣ дар доираи Иттиҳод омодагии худро ба пайвастан ба платформаи «Кор бе марз» баён кард.

Суханронии Президенти мо Шавкат Мирзиёев дар ҷаласаи Шўрои олии иқтисодии Авруосиё намунаи равшани муносибати прагматикӣ, амалӣ ва фаъолонаи Ўзбекистон нисбат ба ҳамгироии Авруосиё гардид.

Ташаббусҳо ва нақшаҳои дақиқи амал пешниҳод гардиданд, ки ба ташкили заминаи мустаҳкам барои рушди устувори тамоми минтақа равона шудаанд.

Натиҷаҳои ин саммит, аз ҷумла дурнамои осон намудани савдо, инфрасохтори рақамӣ, ҳамкориҳои аграрӣ ва рушди ҳаракати меҳнатӣ бо самтҳои афзалиятноки стратегияи миллии Ўзбекистон зич алоқаманд мебошанд. Кишвари мо ҳамчун як шарики фаъол, прагматик ва амалгаро, ки омода аст ба фаровонии умумӣ саҳм гузорад, худро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, Ўзбекистон ва Шўрои иқтисодии Авруосиё имрўз намунаи равшани онанд, ки чӣ гуна метавон ҳамкории асосёфтаро бар пояи эҳтиром, прагматизм ва масъулияти муштарак ба роҳ монд.

Иштирок дар кори Шўро, мубодилаи таҷриба ва ғояҳо, ширкат дар ташаббусҳои гуногун ба Ўзбекистон имконият медиҳад, ки ба як қисми ояндае табдил ёбад, ки дар он манфиатҳои иқтисодӣ бо суботи сиёсӣ, мубодилаи фарҳангӣ ва эътимоди мардум ҳамоҳанг аст. Дар баробари ин, Ўзбекистон ба роҳи боз будан, ҳамсоягии нек ва ҳамгироӣ содиқ монда, ин ҳама таҷассумгари стратегияи миллии рушди устувор мебошад, ки ба таъмини зиндагии шоиста барои ҳар як шаҳрванди кишварамон равона шудааст.

**Актам ҲАИТОВ,**
**роҳбари фраксияи Ҳизби либерал-демократии Ўзбекистон дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ИТТИФОҚИ КАСАБА — МАДАДГОРИ МО

*«Ўзбекистони азизамон ба давраи нави Эҳё ва рушд қадам гузошт. Имрўз дар роҳи чунин мақсади олӣ корҳои бузург дар амал татбиқ мегарданд, ки нақш ва таъсири иттифоқҳои касаба дар бобати ба сўйи мақсадҳои боз ҳам бузург сафарбар намудани халқи мо сол то сол меафзояд».*

**Ш. МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

Дар ҷараёни ислоҳоти густурда, ки дар мамлакати мо амалӣ мегарданд, сохтори иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон чун дигар соҳаҳо ислоҳ ва боз ҳам инкишоф ёфтанд.

Ба қарибӣ анҷумани ҳисоботӣ-интихоботии IX-уми шўрои шаҳри Тошканди Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон баргузор шуд, ки беш аз 1 млн. нафар аъзо дорад. Намояндагони анҷуман ҳисоботи фаъолияти Шўрои шаҳри Тошканди Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистонро барои солҳои 2021-2025 шуниданд.

– Вазифаи асосии Шўрои шаҳри Тошканди Федератсияи иттифоқи касабаи Ўзбекистон аз назорат кардани фаъолияти шуъбаҳои минтақавии ташкилотҳои аъзои федератсия дар пойтахт, талошҳои онҳо ҷиҳати иҷрои вазифаҳои оинномавӣ ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқӣ дар доираи қонунгузории ҷорӣ иборат мебошад, – гуфт раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон, сенатор Қудратулло Рафиқов. – Иттифоқи касабаи шаҳри Тошканд яке аз ташкилоти бонуфуз ва фаъоли федератсия ба шумор меравад. Мавқеи ҷавонон дар ҷамъият торафт меафзояд, бинобар ин, баҳри корбарии ҷавонон ва ҳал намудани мушкилоти онҳо шакл ва усулҳои нав ҷорӣ карда шуд. Муроҷиатҳое, ки аз рўйи масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва бо кор таъмин намудани занону духтарон ба ташкилотҳои иттифоқи касабаи шаҳр мерасанд, аксарияти онҳо эҷобӣ ҳаллу фасл гардиданд.

Таъкид гардид, ки аз ҳисоби маблағи суғуртаи иҷтимоӣ беш аз 32 ҳазору 522 нафар меҳнаткашон, 50 фоизи онҳо бино ба роҳхати имтиёзнок саломатии худро дар санаторияҳо барқарор намуданд. Инчунин, дар мавсими тобистона наздик ба 76 ҳазору 417 нафар бачаҳо дар асоси роҳхати имтиёзнок дар истироҳатгоҳҳои солимгардонии вилояти Тошканд истироҳат намуданд. Оиди такмили ихтисоси ходимон ва фаъолони иттифоқи касаба як қатор корҳо иҷро гардид. Аз ҷумла, бо ҳамкории муассисаи таълими нодавлатии «Институти такмили ихтисоси Федератсияи иттифоқи касабаи Ўзбекистон» барои ходимон ва фаъолони иттифоқи касабаи шаҳр дарсҳои омўзишӣ гузаронда шуд.

Қ. Рафиқов на фақат дар бораи вазифаҳои оянда ва фаъолияти панҷ соли он, балки ба камбудиҳо ва носисиҳои кори иттифоқи касабаи шаҳр ишора намуд.

Таъкид гардид, ки оиди васеъ тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим ва рушди варзиш дар байни аҳолӣ корҳо қаноатбахш нестанд.

Дар ҷамъомад оиди занони хонакор, ҷавонон, оилаҳое, ки ба соҳибкорӣ машғуланд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд, сухан рафт ва вазифаҳои марбут ба ин соҳа ба нақша гирифта шуданд. Баҳри дар ҳаёт татбиқ намудани барномаи давлатии «Соли ҳифзи муҳит ва иқтисодиёти «сабз» ва ислоҳоти рушди соҳаи таълим фаъол иштирок намудан ва дигар масъалаҳо муайян карда шуданд. Иштирокдорони чорабинӣ оиди аҳолиро ба саёҳати зиёратгоҳҳо, шаҳрҳои таърихӣ, масканҳои азизу муқаддас, театр, музей ҷалб намудан, бахшида ба 120 солагии ҳаракати иттифоқи касабаи Ўзбекистон чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ ва тарғиботӣ гузаронда, дар Форуми ҷавонони ҷумҳурӣ бо номи «Ҷавонони иттифоқи касаба – бунёдкори Ўзбекистони Нав» фаъол иштирок намудан, навгонӣ ва корҳоеро, ки аз ҷониби шўрои иттифоқи касабаи шаҳр ба миён меоянд, дар воситаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла, рўзнома ва барномаҳои телевизионӣ мунтазам равшан намудан ва дигар масъалаҳо таклифҳои худро баён намуданд ва ин масъалаҳо ба нақшаи корӣ дохил карда шуданд.

Бинобар низоми нав бори аввал раис ба тариқи алтернативӣ интихоб гардид. Сайфулло Аҳмедов бо аксарияти овозҳо аз нав раиси Шўрои иттифоқи касабаи шаҳри Тошканд интихоб гардид.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ЎЗБЕКИСТОН — ОЗАРБОЙҶОН: ФОРМАТИ СЕРТАЛАБИ ҲАМКОРӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ МУШКИЛОТИ ҶАҲОНӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Профессори Донишгоҳи СЕУ Сан-Пабло, мутахассиси минтақаи Осиёи Марказӣ Антонио АЛОНСО (Испания):**



–Сафари давлатии Президенти Ўзбекистон ба Озарбойҷон, дар рушди муносибатҳои Ўзбекистону Озарбойҷон бешак, ба як марҳилаи муҳим табдил хоҳад ёфт, ки ҳоло динамикаи мусбати устуворро нишон медиҳанд. Гузаронидани музокироти сатҳи олӣ ва иштироки Президент дар ҷаласаи дуюми Шўрои олии байнидавлатӣ 2 июл, ба назар мерасад, имконият фароҳам меорад, ки самтҳои нави умедбахши шарикии стратегӣ муайян ва ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои калидӣ васеъ карда шаванд.

Махсусан ба имзо расонидани бастаҳои калони санадҳои дуҷониба дар натиҷаи музокирот, ки ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории судманд ва мутақобилан манфиатнок такони иловагӣ мебахшад, аҳамияти хос дорад.

Ҷанбаи муҳими сафар барномаи бойи башардўстӣ мебошад. Иштироки роҳбари давлат дар маросими гузоштани санги асоси боғи «Ўзбекистон» дар маҳаллаи «Оғшехер» ва ифтитоҳи расмии бинои нави сафорати Ўзбекистон дар Боку рамзи амиқи робитаҳои бародариро таъкид мекунад, ки халқҳои моро ба ҳам мепайвандад. Барномаи фарҳангӣ дар Шуша, Агдам ва Ханкендӣ шаҳодати равшани афзоиши эътимод, дастгирии мутақобила ва ҳавасмандии умумӣ ба сўи ояндаи осоишта ва созанда мебошад.

**Президенти Донишкадаи байналмилалии таҳқиқоти сиёсати Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна дар Латвия Айдин АСКЕРОВ:**



–Ин сафар дар роҳи таҳкими шарикии стратегӣ байни ду кишвари таърихан наздик қадами муҳим мебошад. Дар ин бора бастаи хеле ҷиддии санадҳои ба имзо расида шаҳодат медиҳанд, ки амиқтар гардидани муносибатҳои ҳамаҷонибаро расман сабт намуда, ҳамкориҳоро дар сатҳи минтақаҳо, саноат, нақлиёти байналмилалии автомобилӣ, туризм, мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ, карантин ва ҳифзи наботот, ҳамчунин дар соҳаҳои ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ ташвиқ мекунанд.

Унсурҳои умумиятҳои забонӣ, диниву фарҳангӣ, арзишҳо ва ҳатто, ба гуфтаи ман, умумияти тамаддунӣ байни халқҳои ўзбеку озарӣ, хусусияти мукаммалкунандаи иқтисодиётҳо ва сатҳи баланди эътимоди роҳбарони ду кишвар пояи устувори муколамаи байнидавлатӣ дар сатҳи олӣ мебошанд.

Дар пасманзари вайрон шудани занҷираҳои таъминоти ҷаҳонӣ, ки аз ҷумла натиҷаи воқеиятҳои нави геосиёсӣ мебошад, музокироти саҳеҳ ва мавриди ниёзи роҳбарони Ўзбекистон ва Озарбойҷон оид ба нақши кишварҳо дар пайвастшавии байни минтақаҳо саривақтӣ ва хеле зарурӣ мебошанд.

Тошканд ва Боку метавонанд ҳамчун «пайвандҳои калидӣ» байни Осиёи Марказӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва давлатҳои қитъаҳои Аврупо ва Осиё хидмат кунанд.

Дар маҷмўъ, сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Озарбойҷон ба рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳамкории ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ, ки ба дурнамои дарозмуддат нигаронида шудаанд, такони ҷиддӣ мебахшад.

**Муовини директори Пажўҳишгоҳи рушди иҷтимоии Авруосиё дар Маркази таҳқиқоти рушди иҷтимоии назди Шўрои Давлатии Чин Сюй ТАО:**



Натиҷаҳои ҷаласаи дуюми Шўрои олии байнидавлатии Ўзбекистон ва Озарбойҷон динамикаи ҳайратангези шарикии стратегӣ байни ин ду кишварро нишон медиҳанд. Ба имзо расидани чунин бастаи васеи санадҳо собит месозад, ки Тошканд ва Боку дар чаҳорчўби муносибатҳои ҳампаймонӣ аз изҳорот ба амалҳои мушаххас гузашта истодаанд, ки ин комилан ба рўҳи ҳамгироии авруосиёӣ ва принсипҳои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) мутобиқат мекунад.

«Харитаи роҳ» барои солҳои 2025–2029 сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад, ки самти системавии ҳамкориро барои дурнамои дарозмуддат муайян мекунад. Ин танҳо як сигнали сиёсӣ набуда, балки нақшаи дақиқи амалҳо мебошад, ки соҳаҳои калидӣ — аз саноат ва кишоварзӣ то экология ва маорифро фаро мегирад. Чунин равиши ҳамаҷониба бо модели шарикии ҳамаҷонибаи Чин ҳамсадо аст, ки мо онро дар чаҳорчўби ташаббуси «Камарбанд ва роҳ» пеш мебарем.

Барномаи то 1 миллиард доллар то соли 2030 зиёд гардондани гардиши мол ва ҳамкориҳои саноатӣ пайвастагии иқтисодиро тақвият медиҳанд, созишномаҳо дар соҳаҳои киштиронӣ ва энергетикаи «сабз» бошанд, имкониятҳои навро барои транзит тавассути баҳри Каспий мекушоянд, ки аҳамияти долони миёнаро боз ҳам бештар менамоянд. Чин, ҳамчун бузургтарин сармоягузори инфрасохторӣ дар минтақа, аз чунин лоиҳаҳо манфиатдор аст, зеро онҳо ташаббусҳои логистикии моро дар Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ пурра мекунанд.

Ташкили Шўрои соҳибкорон ва Форуми минтақаҳои саноатӣ ва иқтисодӣ байни Ўзбекистон ва Озарбойҷон як равиши инноватсионӣ ва прагматикӣ барои амиқсозии ҳамгироии иқтисодӣ мебошад. Ин механизмҳо на танҳо созишномаҳои байниҳукуматиро пурра мекунанд — онҳо каналҳои мустақими муошират байни ҷомеаҳои соҳибкориро фароҳам меоранд, ки барои татбиқи ҳадафҳои бузурге, ки дар санадҳои имзошуда сабт шудаанд, аҳамияти ҳаётан муҳим доранд.

**Директори иҷроияи маркази таҳлил «Форуми муколамаи миллӣ» Шаҳриёр ХАН (Покистон):**



– Ман сафари давлатии Президенти Ўзбекистон ба Озарбойҷон ва иштироки ўро дар нишасти сарони кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ҳамчун як рўйдоди хеле муҳим на танҳо барои рўзномаи дуҷонибаи Ўзбекистон ва Озарбойҷон, балки барои тамоми фазои СҲИ арзёбӣ мекунам.

Дар солҳои охир Ўзбекистон ва Озарбойҷон намунаи нодири шарикии стратегӣ ва мунтазамро нишон медиҳанд. Ҳамдигарфаҳмии шахсӣ ва эътимоди байни роҳбарони ду кишвар барои муносибатҳои байнидавлатӣ сатҳи хеле баландро муайян мекунад.

Аз нуқтаи назари Покистон, наздикшавии Тошканд ва Боку махсусан дар заминаи нақши афзояндаи ҳарду кишвар дар таҳкими долонҳои нақлиёти байниқитъавӣ муҳим мебошад. Ўзбекистон фаъолона ташаббусҳои рушди масирҳои Шарқу Ғарб ва Шимолу Ҷанубро амалӣ мекунад, ки дар ин равандҳо Озарбойҷон ба як шарики калидӣ табдил ёфтааст. Ҳамкории муштараки онҳо дар масири транскаспӣ на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки андозаи геосиёсӣ низ дорад, ки ба пайвастагии бештари минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва минбаъд ба Аврупо ва Ховари Миёна мусоидат мекунад.

Шарикии соҳаҳои алоҳидаи Ўзбекистон ва Озарбойҷон самти стратегиро дар муколамаи онҳо нишон медиҳад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки кишварҳо ба эъломия маҳдуд намешаванд — онҳо сармоягузорӣ мекунанд, ширкатҳои муштарак, муассисаҳои таълимӣ ва майдонҳои саноатӣ таъсис медиҳанд.

Ба назари ман, иштироки Президент Шавкат Мирзиёев дар нишасти сарони кишварҳои СҲИ такони иловагӣ ба ҳамгироии минтақавӣ мебахшад. Ўзбекистон ҳарчи бештар худро ҳамчун як давлате нишон медиҳад, ки қодир аст ташаббусҳои амалӣ ва воқеиро пешниҳод намояд ва ин ташаббусҳо аз ҷониби дигар кишварҳои минтақа дастгирӣ меёбанд.

**Коршиноси мустақили қирғиз, сиёсатшинос Марс САРИЕВ:**



– Муносибатҳои Ўзбекистон ва Озарбойҷон мустаҳкам шуда истодаанд, ки инро Шартнома дар бораи иттифоқӣ, ки соли 2024 ба имзо расид, тасдиқ мекунад. Ҳадафҳои то ба 1 миллиард доллар то соли 2030 расонидани гардиши мутақобилаи мол муайян шудаанд ва соли 2025 ҳамчун «Соли ҳамкории иқтисодӣ» эълон гардидааст.

Ба имзо расидани бастаи ҷиддии созишномаҳо оид ба соҳаҳои гуногун дар ҷараёни сафари феълӣ низ гувоҳи садоқати ҷонибҳо ба ҳамкории дарозмуддати мутақобилан судманд мебошад.

Ифтитоҳи бинои нави сафорати Ўзбекистон дар Боку ба рамзи густариши инфрасохтори дипломатӣ табдил ёфт.

Хулоса, Ўзбекистон мавқеи сиёсиву иқтисодии худро дар Қафқози Ҷанубӣ таҳким мебахшад. Рўзномаи «Долони миёна» тақвият меёбад — ҳарду давлат ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистикаро густариш медиҳанд ва як алтернативро ба масирҳои амалкунанда эҷод мекунанд.

**АИ «Дунё».**



*Чоршанбеи Деҳнавӣ. Хонандагони «Овози тоҷик» ва алоқамандони каломи бадеъ бо ин ном аз солҳои 70-уми асри сипаригардида тавассути ҳикояву қиссаҳои мондагораш ошноянд.*

*Ӯ моҳи апрели соли 1948 дар маҳаллаи Гулободи ноҳияи Деҳнав дида ба дунё кушодааст. Хатмкардаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мебошад. Баъд аз хатми донишгоҳ чанд муддат ба насли ҷавон аз забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфт, ҷонишини директор, роҳбари мактаб буд.*

*Нависандаи зуллисонайн, яке аз чеҳраҳои саршиноси ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон соли 1994, бино ба тавсияи Шӯрои адабиёти тоҷик ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шудааст. Соли равон ӯро ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфтанд.*

*Хирмани таълифоти Чоршанбеи Деҳнавӣ пурбор аст. Тавассути нашриётҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон маҷмӯаҳои ҳикояву қиссаҳои ӯ таҳти номи «Акси садо», «Баҳор дар пеш», «Чашмасор», «Шабе, ки осмон фурӯ рафт», «Талоши зиндагӣ», «Лайлатулқадр» (маҷмуаи дастҷамъӣ), «Соясини эркалатган аёл», «Вазифаи хонагӣ» рӯйи чопро дидаанд. Китобҳои наваш «Ҷарҳо поянда нестанд», «Яке аз ҳазорон», «Одамизод», «Ишқи ятиммонда» дар дасти чопанд.*

*Устод Фазлиддин Муҳаммадиев фармудаанд, ки истеъдоди нависандаро баъд аз хондани як банди асараш метавон муайян кард. Фикр мекунам, ҳикояву қиссаҳои таълифнамудаи ӯ ҷозибае доранд. Хонанда вақте ба хондани ҳикоя ва қиссаҳояш шурӯъ мекунад, рафти воқеа ва ҳодисаҳоро мехоҳад то охир пайгирӣ намояд. Ба ҷуз он, ки офаридаҳояш банду басти қавӣ доранд, ӯ дар тасвири ҳолатҳои равонии қаҳрамону персонажҳо дасти тамом дорад, дар қаламиҳояш зарбулмасалу мақол ва гӯйишҳои ҳикматомези мардумӣ бамаврид кор мехӯранд...*

*Хонандаи гиромиқадр! Инак, мо тасмим гирифтем, ки барои баҳрабардорӣ ҳикояи нави устодро, ки «Рӯзи видоъ» ном дорад, ба ҳукми шумо ҳавола намоем.*

**Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».**

**Чоршанбеи ДЕҲНАВӢ**

# РӮЗИ ВИДОЪ

*(Ҳикоя)*

Хонаи бобои Пӯлод фартут буд. Девораш похсагӣ, бомаш гилӣ. Сутунҳои пешайвонаш низ шиштаву раваш хамзада. Бобо рӯзи дароз дар кати таги айвон менишаст. Сӯйи кӯча дида дӯхта. Аммо роҳгузаронеро, ки салом дода мегузаштанд, намешинохт. Чашмонаш хира буданд. Ҳоло низ дар ҳамон намуд сӯйи кӯча менигарист. Малолу маъюс. Дар ғами об. Зимистон роҳро баланд бардошта, қадоқад канал канданд. Сипас, оби ҷӯйбори аз паси ҳавлӣ мегузаштаро ба канал кушоданд. Дасту пойи бобо аз замину осмон канда шуд.

Ба риққат омад. «Ғами дунёро охир набудааст-дия!» Аз як тараф ташвиши зиндагӣ, аз тарафи дигараш алами духтараш... Домодаш ноқобил баромад. Феълаш сабук – ҳуда-беҳуда меранҷад, менӯшад, дилозорӣ мекунад. Духтараш аз ҷонаш сер шуда, мактуб менавишт. Бобо нохонда, обу адо мешуд. «Аз чии ман умед мекунӣ? Аҳволи одами бекасу бемутакко ҳамин, духтарам...». Дар ҷавоб чизи дигар менавишт. «Шавҳарат ҷавони бад нест, духтарам. Коркун, кордон. Муҳимаш, рӯзгорбоб. Мард шудан пас гоҳ-гоҳ аз қолаб мебарояд-дия. Бо ин табари домодамро заданӣ нестам. Гуфтаниам, ки дарахти безахм куҷост! Хонаи одам-ку одам, лонаи гунҷишк вайрон нашавад. Модарат зинда мебуд... Ба доғи рӯйи коғаз эътибор накун. Ду сол аст, ки аз чашмам об меравад... Худо ҳеч бандаро аз бахти аввалаш ҷудо накунад. Занҷири бахти аввал аз тиллост, духтарам».

Роҳгузаре салом дод. Бобо нашунид. Ӯ ба сафедорҳои поёни ҳотааш нигариста, оҷизии хешро беш аз пеш эҳсос менамуд. Сафедорҳо ҳанӯз салобат нагирифта, рӯ ба хазон оварда буданд. Майсаҳои нӯксӯхтаи гандум низ аз баҳор дида бештар ба манзараҳои дилгиркунандаи тирамоҳ шабоҳат дошт. Бобо беихтиёр оҳи сард кашид. Чӣ илоҷ? Худо ӯро аз фарзанд кам дид. Духтари ягонааш агар писар мешуд, дар пиронсолӣ бемутакко намемонд. Домоди занаш чию ҳайвон чӣ! Ақаллан, аз ҷӯйбораш об надод. «Оғилам заҳ мекашад» гуфта. Ноинсоф, нагуфт, ки замини таги дарам аз они кист? Ҷойи хонаю оғилам аз они кист?! На даранда ва на хазанда ҷою макони якдигарро мегиранд, лекин одамизод мегирифтааст. Дидаю дониста. Ҳайфи йигитӣ! Аламаш омада, назди раис рафт. Раис, ба қавли худаш, раҳми боборо хӯрд. «Шумо ташвиши дунёро басо кашидед, падар, акнун дар пиронсолӣ роҳат кунед» гуфта. Нагуфт, ки одамон худбину худпараст шуданд, бобо, дар хонаи бародар оташ афтад, бародар об намедиҳад. Дигар хел мешуд. Собири кал чӯби ба тобути амакбачааш додаро миннат мекард? «Не, раис, ман аз худ монда нестам. Нисфи қишлоқ аз ман қарз дорад. Лекин дар мо тобут намехаранд. Ниҳол шинондам, ки чӯби тобутам аз худам барояд».

Бобо дигар тоқат карда натавонист. Ӯ каланду зоғнӯлро гирифта, лангон-лангон сари об рафт. Канал чуқур, об калон, илоҷи банд партофтан набуд. Танҳо кандан, тарафи худашро хеле пас кардан лозим. Дигарон сари вақт бетон рехтаю банд сохта, илоҷашро карданд. Бобо натавонист. Одами зорӣ накардааш намонд. «Э-эъ, ба одамизод қадр намонд!».

Бобо дасту остин барзада, ба кор сар кард. Кораш барор надошт. Замин санглох буд. Каланд намедаромад. Аввал бо зоғнӯл санг мехезонд, сипас хоку реги аз он хестаро мекашид. Бо дастони ларзону тани бемадор. Ситезида. Ба тақдир. Ба чунин бадумрӣ!

Зани бобо аз хонаи домодаш баромада, лабу лунҷ ҷунбонд.

– А-а? – бобо қадре хамтар шуда, ба занаш гӯш дошт.

– Мурӣ дар хона мур, ғарқ шуда не! – шӯрид занаш.

– Чӣ кунам, ҳама чиз хушк шуд, – бо пушти даст арақи рӯяшро тоза кард.

– Аз чиз сер мешавӣ ё не?! Ё фарзанди бисёр дорӣ, ки аз гуруснагӣ мемуранд, носерак расидагӣ!

– Э-эъ, – нофорамона даст афшонд бобо, – ту шудию фарзанд! Ба бефарзанд зиндагӣ лозим нест-чӣ? То зиндаӣ меҷунбӣ-дия!

Занаш лабу лунҷ ҷунбонда, сӯйи хона рафт. Яқин буд, ки роҳравон ҳақорат мекард. Бобо исрор накард. Ӯ ба дашномҳои занаш одат карда буд. Намехост, ки дар пиронсолӣ сагу гурба шаванд. Бисёр, ки тоқат карда натавонист:

– Ба зани касиат нарав, занак, – мегуфт.

Занаш дар осмон лона мемонд. «Ҷаро зани кас» гуфтӣ гуфта. Бобо рӯ паҳн карда ба сангчинӣ мерафт. Боз санг чинӣ! Аз зӯри сангчинӣ пушт яғир кардаю замин кушода чӣ дид? Занаш домодашро кӯчонда оварда, замини тайёрро санад карду дод. Бобо бори аввал овоз баровarda гиря кард. Кӯдаквор. Китфони аз захми сангкашонӣ пӯст партофтаашро кушодаю нишон дода. Ба сангтӯдаҳои поёни заминаш ишора кардаю хориаш омада. Аммо оби дидаи ӯ фуҷури дили касеро нашуст. Баръакс, занаш маломат кард, ки то замин талош кардана мурданро ба гардан гирад, беимони гурсӯхта! «Ҳа, Худо задаро бандааш ҳам мезанад...».

Бобо боз аз духтараш мактуб мегирифт. Боз ба худ печидаю аз изтироб ларзида ҷавоб менавишт, ки санги вазнинро об намебарад, агар ӯро розӣ кардан хоҳанд, ба гапи шару шайтон надаромада, заҳри шавҳарашро бардорад. «Дарахтро кӯчондӣ, хушк мешавад, духтарам...».

Роҳ дур, рафтуомадаш душвор. Сад ганда бошад ҳам, домодаш кӯчонда бурданӣ шуд. Занаш розӣ нашуд. Акнун пушаймонест, ки суд надорад. Аз куҷо ҳам хонадор шуд. Акнун дар хонаи худаш намеғунҷад. «Одам шири хом хӯрда-дия!». Умед дошт, ки духтари ягонааш бо духтари занаш унс мегирад, ду нисф як бутун шуда меоянд. Баръакс шуд. То духтарашро тӯй накард, рӯз надид. Бахти бадӣ, домодаш низ чӯл кӯчида рафт...Бобо гоҳо гурусна мехобид, гоҳи дигар нони аз тӯю худоиҳо баста овардаашро ба оби хунук тар карда, шикам ковок мекард. Чӣ илоҷ? Тақдирро таҳрир нест.

Рӯзе занашро бародараш аз хонаи домодаш пеш андохта овард. Андоми занаш коҳида, чашмонаш тар буданд.

– Фих-фих накун, мочахар! – ҷаҳл кард бародараш. – Мардум номатро арвоҳи дайду мондааст! Хона шинӣ мемурӣ?! Гап ҳамин – дую дубора гапи бобоpо гардонда, хонаи домодат равӣ, ба мӯят овехта мекушам, ту – қанчиқи занҷиркандаро!

«Ҳе-е ба вай гап кор мекард-чӣ?!

...Бобо монда шуд. Ӯ каланду зоғнӯлро бардошта, хона омад.

– Чой дорӣ? – бобо дар лаби кат амонат нишаста, аз занаш пурсид.

Занаш ҷавоб надод. Бобо оҳи сард кашида, болои кат дароз кашид. Тахтаҳои пасту баланди кат дар тахтапушташ сахт расиданд. Хориаш омад. Дилсӯзе не, меҳрубоне не. Занаш... Марги ин хел зисту ин хел зиндагонӣ!

Бобо хомакӣ ҳисоб кард, ки хеле пул доштааст. Фозилҷон барои мошинаш пули як гов гирифта буд. Қодирқул барои келинаш якуним ҳазор сӯм. Боз... Боз... Пули як гӯсолаю хар дар дасти занаш. Дарвоқеъ, ба холаи Солиҳа аз рӯйи эҳтиёт ҳазор сӯм дода монд, ки рӯзи маргаш обрӯ кунад. Боз...Як каси дигар ҳам гирифта буд. Кӣ бошад? Ҳа, Ӯрунбой. Соли хона сохтанаш. Ғайр аз ин чор пода дорад. Ҳаштсадӣ гирад ҳам... Э-эъ, пулро ҷӯшонда мехӯрам-чӣ?! Ҳоло як пиёла чой, ё як нам дами гарм лозим.

Оби чашмони бобо шорида, дар рӯяш таровид.

– О, маҷоли коркунӣ надорӣ, чақида чӣ мекунӣ? – буна кард занаш.

– А-а? – нашунид бобо.

– Бало! Батар!

– Бало мегӯям! Батар мегӯям!

– Ҳа-а.

– О, ҳавлия ба бачи акем медодӣ, барои худаш шуда обод мекард!

– Як камам дар хонаи худ дастнигар шудан буд?!

– Ганда намемурад!

– Як чой мон, ҳалқам қоқ шуд. Чӣ? Ҳа-а майлаш. Чоят ҳам даркор несту гапат ҳам, – бобо аз ҷо базӯр хест. Кашола-кашола рафта, ба чойники барқӣ об кашид ва оварда нӯки онро ба ноқил хаст. Баъд чӣ шуд, намедонад...

Вақте чашм кушод, ки дар сараш духтараш маҳзун менишаст.

– Кай омадӣ? – ҳайрон шуд бобо.

– Парерӯз.

– А-а?

– Парерӯз, – бо овози ларзон баланд-баланд гуфт духтараш, – ток задани шуморо шунида.

Маро тӯк зад-чӣ? – садои бобо торафт пасттар мешуд.

– Ҳа, хайрият, ки афтамати ҳисобкунак партофтааст.

– Надонам. Чой монданӣ будам, – бобо чашмонашро пӯшид.

Дере нагузашта овози гиря кардани духтарашро шунид. Ба ӯ дигарон низ ҷӯр шуданд. Бобо хост чашмонашро кушояд, аммо натавонист. Овозҳои ҳархела торафт афзуда, фарқ кардани соҳибонаш душвор шуд. Танҳо занаш шунаво-шунаво мегуфт, ки бобо на пул дораду на бисот! Домодаш шӯрид, ки... «ӯ кай омада бошад?» Ӯ ҳамон мешӯрид, ки ҷаҳлашро набароранд, хайрот надоданӣ бошад, хонаро оташ мезанад – на ба вай шаваду на ба бобо!

Бобо аз чизе розӣ шуд. «Дидӣ, духтарам, боз мегӯӣ, ки шавҳарат ҷоҳил аст. Не, одамигарӣ намедошт, имрӯз маслуқи маро соҳиб намешуд. Ҳа, ҷони додо, бахти аввал – тахти тиллоист. Дигараш рӯъё...Чарост, ки гӯшам кушода шудааст. Мисли бачагӣ. Ӯ...».

Бобо чизе гуфтан хост, аммо манаҳашро ғундошта натавонист.

*Зикри хайр*

# ИЛМ ДОРӢ, ЗИ КАС МАДОР ДАРЕҒ...



Новобаста ба хоҳишу иродаи одамизод, умр мисли бод ё оби дарё бебозгашт мегузарад. На панҷоҳ сол қабл, балки суҳбати мо бо доктори илмҳои иқтисодӣ, академики Академияи муҳандисии байналхалқӣ Абдурасул Эргашев, ки тобистони соли 1951 дар маҳаллаи Завқии (Хумдони пештара) ноҳияи Деҳқонобод дида ба дунё кушодааст, гӯё дирӯз ба вуқӯъ пайваста буд.

– Ӯ навраси хушодоб, донишманд, хоксору фурӯтан ва меҳрубону дилёб буд, – гуфта буд он рӯз дар суҳбат бо мо ҳамсабақи ӯ А. Раҳимов. – Ёд дорам, боре аз рафтори бачаҳои кӯча гила кард, ки ба ҳолаш намегузоранд. Вай аз Боғучорбоғи дур омада, дар мактаби марказӣ мехонд. Вақте дар синфи нӯҳ мехонд, ба ғунучини пахта рафтем. Бегоҳиҳо мо бо бозиҳои гуногун андармон мешудему шуғли дӯстдоштаи ӯ китобхонӣ буд. Мисолу масъалаҳои математикиро, ки мутааллиқ ба мавзӯи дарсҳои оянда буданд, пешакӣ ҳал мекард. Вақте ҳамсабақонаш суол мекарданд, ки бо чӣ кор машғул аст, хоксорона ҷавоб медод: «Ҳаракат карда истодаам, ки мисолу масъалаҳои математикиро ҳал кунам».

Овони мактабхонии мо дар Алмаато аз фанни физика Олимпиадаи умумииттифоқӣ баргузор шуда буд. Роҳбари синфамон, омӯзгори фанни физика Ҳайитқул Бойсариев Абдурасули аълохонро ба ҳамон олимпиада бурд. Бояд гуфт, ки он солҳо иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои умумииттифоқӣ шаъну шарафи бузург буд.

А. Эргашев мактаби таҳсилоти ҳамагониро бо медали тилло хатм намуд. Ин ҳам барои ӯ як имтиёз буд. Ҳар кас аз овони хурдсолӣ дар дил орзуе мепарварад. Дар хурдсолӣ ӯ орзуи шоир шудан дошт. Дар он овон чанд шеъргунае гуфта будааст. Вале тавре ки мегӯянд, «Сухани хона ба бозор намеояд рост», баъди мутолиаи мақолае бахшида ба Қорӣ Ниёзӣ ба фанни математика рағбат пайдо кард.

Соли 1969, баъд аз хатми мактаби таълими ҳамагонӣ, таҳсилро дар факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд идома дод. Саъю ҳаракат ва қобилияти Абдурасул мавриди таваҷҷӯҳи устодон қарор гирифт. Бино ба тавсияи онҳо ӯ бо соҳаи нав – «Назарияи функсияҳои маҷмӯии дискретӣ» машғул шуд. Дар он солҳо ин соҳа дар Иттиҳоди Шӯравӣ, Полша, Англия, Олмон ва Ҷопон ба тозагӣ рӯ ба инкишоф ниҳода буд.

Пажӯҳишҳои як донишҷӯй дар ин соҳа сазовори эътибор буд. Ин соҳа таҳти назорати риёзидони саршиноси ҷаҳон, доктори илмҳои физикаву математика, профессор Лев Волковетский буд. Дар курси чорум ӯ доир ба мавзӯи «Методикаи ҳисоби оператсионии ҳалли ду баробариҳои ҳақиқии дифференсионалии дискретии дигаргунсоз» кори курсӣ навишт ва дифоъ кард.

Олими оянда баъд аз хатми донишгоҳ тӯли солҳои зиёд бо назарияи баробариҳои дискретӣ сарукор дошт. Методи бадалкуниҳои дақиқи ҳалли баробариҳои дискретии тағйирёбандаро ба вуҷуд овард.

Дертар олими дақиқназар доир ба мавзӯи «Моделсозии ҷараёнҳои боркашонӣ тавассути автомобилу чархболҳое, ки дар объектҳои хатти дискретӣ қарор доранд» рисолаи номзадӣ навишт ва соли 1983 бомуваффақият дифоъ намуда, ба масоили барномарезии математикӣ фурӯ рафт.

Соли 1991, дар баробари татбиқи баробариҳои дискретӣ рисолаи докториашро доир ба мавзӯи «Дар ҳолатҳои фавқулода (дар ҷойҳое, ки рафтанаш имконнопазир аст) идораи оптималии воситаҳои гуногуни нақлиёт (самолёт, чархбол, нақлиёти зериобию рӯйизаминӣ)» дифоъ намуд. Дар ин кор пажӯҳишгоҳи «Кибернетика»-и Фарҳангистони улуми Украина сарубар буд. Корҳои илмии ӯ то ҳанӯз дар вазъиятҳои фавқулода дар Сибири Ғарбию Шарқӣ, Шарқи Дур ва Осиёи Марказӣ ба кор меоянд.

Олим солҳои тӯлонӣ дар пажӯҳишгоҳи «Кибернетика»-и Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ба ҳайси муҳандис, конструктор ва ходими илмӣ адои вазифа кардааст.

Ҷалолуддин Балхии Румӣ фармудааст:

*Илмро бар дил занӣ ёре бувад,*
*Илмро бар гил занӣ хоре бувад.*

Меҳнати софдилона, дониши амиқ ва пажӯҳишҳои пайгиронаи Абдурасул дар ин даргоҳи муқаддас барҳадар нарафтанд. Ба қавле, бо сӯзан чоҳ мекофту зина ба зина боло мерафт. Дар тӯли ин солҳо узви вобастаи Академияи муҳандисии Ӯзбекистон гардид, соли 1992 ӯро академики Академияи муҳандисии Ӯзбекистон интихоб намуданд. Беш аз панҷоҳ брошюраю мақоларо доир ба мавзӯи мавриди назар ба дасти чоп додааст. Онҳо дар анҷуманҳои байналхалқие, ки дар Маскав, Санкт-Петербург, Киев, Донетск, Новосибирск, Томск, Владивосток, Хабаровск, Душанбе ва Тошканд баргузор шудаанд, мавриди истифода қарор гирифта, тавассути маҷаллаҳои бобрӯйи илмӣ ба дасти чоп расидаанд.

Шоир Авҳадӣ фармудааст:

*Илм дорӣ, зи кас мадор дареғ,*
*Бар дили ташнагон бибор чу меғ.*

Абдурасул дар ин ҷараён шогирдони худро фаромӯш намекард, дар дифои рисолаҳои номзадиву докторӣ ба сифати роҳбари илмӣ ба онҳо кумак мерасонд.

А. Эргашев солҳои зиёд устоди Донишгоҳи давлатии Тошканд ба номи Мирзо Улуғбек буд. Дертар дар Донишкадаи давлатии муҳандисию иқтисодиёти Қаршӣ ба кор пардохт. Президенти бахши қашқадарёии Федератсияи муҳандисии Ӯзбекистон интихоб кардандаш. Пас аз чанде директори бахши минтақавии Донишкадаи технологияи кимиёи Тошканд таъин гардид. Фидоии хастанопазири илм солҳои зиёд ба сифати раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Қашқадарё фаъолияти густурда дошт.

Барандаи ордени «Дӯстлик» Абдурасул Эргашев ба ҷуз ин дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол буд. Дареғ, тобистони соли 2021 риштаи умри заршиноси илм, инсони хоксору дилёб гусаст. Ӯ ҳарчанд ҷисмонан аз байни мо рафтааст, вале зиндагии рӯҳониаш дар осори илмии таълифнамуда ва кору амалҳои некаш идома дорад.

Агар яке аз кӯчаҳои ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи Завқии ноҳияи Деҳқонобод, ки хешу ақрабо ва ҳамдеҳагони Абдурасул Эргашев дар он ҷо дастҷамъона зиндагӣ мекунанд, ба номи ӯ гузошта мешуд, арзандаю зебанда буд. Фикр мекунам, аҳли маҳалла, ба хотири он, ки шояд оянда дар пайравии ӯ дар ҷодаи илм ҷавонони нав гомҳои устувор ниҳанд, ин пешниҳодро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

**Карим ТОШҚУЛОВ,**
**раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.**

*АКСИ САДО*

# НАБОЯД БЕЭЪТИБОР БОШЕМ

Мақолаи «Ба озори мазлум моил мабош» («Овози тоҷик», 18.06.25. № 49) — як фарёди виҷдон аст. Фарёде, ки агар гӯш дорӣ, дилат меларзад, агар чашм дорӣ, ашкат мечакад, агар виҷдон дорӣ, ба амале даъват мешавӣ. Муаллифаш Саодат Бекназарова бо қалами бедор ва қалби пурсӯз на танҳо як навиштаи ахлоқӣ, балки як ҳуҷҷати зиндаи иҷтимоиро рӯйи коғаз овардааст.

Ман омӯзгор ҳастам — дар деҳаи кӯҳистон, ки бо барфу борон, бо меҳру дард, бо ночорӣ ва ормонҳо маъруф аст. Мақола маро маҷбур кард, ки ба рӯйи ҳаёт бо чашми дигар бингарам. Он гоҳ, ки фақир фарзандашро бо пойафзори дарида ба мактаб мефиристад, кӯдаке, ки орзуи «муаллим шудан»-ро дар сина мепарвараду китоб надорад — ва мо хомӯшем, ин магар зулм нест?

Дар деҳа вақте духтари бенаво бе маҳр ва бо дили нохоҳам ба хонаи шавҳар меравад, аммо баъди чанд моҳ бо баҳонаи ночизе пас мегардад — ин танҳо нокомии оила нест, балки нокомии ҷомеа аст.

Модари солхӯрдае дар маҳаллаамон — Моҳинисоапа, ки шояд савод надошта бошад, вале диле дорад аз китобҳо фарохтар, ҳамеша мегӯяд:

«Дар кӯча духтари ҷавонеро дидам, ки бо як ҷомадони хурд, гирён, аз хонаи шавҳараш мебаромад. Пурсидем: чаро? Гуфт: хушдоманам танқид кард.

Эй, бетаҷриба, зане, ки бо як сухани хушдоман хонаи шавҳарро тарк кунад, ӯ магар ёр ва ҳамсари зиндагист?»

Ин ҳолатҳо танҳо дар деҳа нест. Дар шаҳрҳо низ духтароне ҳастанд, ки зери фишори мӯд, зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ахлоқу сабру таҳаммулро аз даст додаанд.

Ин мақола як чароғ аст, барои деҳқони хаставу қалбсӯхта, барои омӯзгори ноумед, барои модари танҳову духтари ҷавон. Чароғест, ки ба мо мегӯяд:

«Агар ба озори мазлум хомӯшӣ, шарики зулм ҳастӣ!»

Ҳаёт на танҳо аз расму ойин, аз ҷашну тӯй ва либосҳои зебо иборат аст. Ҳаёт аз навозиши диле, аз дасти кӯмак ба тифли ятим, аз табассуми ростини ҳамсоя ва як косаи ош барои зане, ки шиками фарзандашро сер карда наметавонад, сохта шудааст.

Ман борҳо шоҳид будам, ки дар деҳа кӯдакон бо як қалами куҳна бо шавқу завқ менависанд. Дар шаҳр бошад, дар рӯи асфалти гарм тифле бо либоси фақирона шишаи мошинҳоро пок мекунад. Ин кӯдакон мазлуманд, вале на бо хоҳиши худ, балки бо тақозои зиндагие, ки мо — калонсолон барояшон муҳайё сохтем.

Муаллиф дар мақолааш як нуқтаи муҳимеро таъкид мекунад: «Ҳар касе, ки мазлумеро озор медиҳад, хоҳ дониста, хоҳ надониста, худро аз раҳмати Худо маҳрум мекунад».

Ин ҷумла бояд мисли занги виҷдон дар дилҳо садо диҳад. Мо бояд ҳар рӯз аз худ бипурсем:

— Ман имрӯз ба кӣ меҳрубонӣ кардам, ба кӣ ёрӣ расондам?

Дар охир мехоҳам бигӯям, ки чунин мақолаҳо на танҳо хондан, балки эҳсос карданро мехоҳанд. Ва агар эҳсос кардем — амал кардан лозим. Як либос, як китоб, як табассум, як сухани хуб — ҳар яки ин метавонад дунёеро дигар кунад.

Мо, омӯзгорон, падару модарон, ҳамсояҳо, шахсони мансабдор ё одӣ — ҳама масъулем: барои ашке, ки аз чашми мазлумон мерезад.

Ва мо бояд бидонем: «Агар беэътибор бошем, оё ягон рӯз садои гиряву нолаи фарзанди худамон шунида намешавад?»

**Бунёд ШОМАТОВ,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №8 ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

# ИСТИРОҲАТГОҲИ СОЛИМГАРДОНИИ «БУХОРО»

***Дар шаҳри Бухоро бо ташаббуси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон дар асоси барномаи махсус истироҳатгоҳи солимгардонии бачагонаи «Бухоро» (қимати лойиҳа 56 миллиард сӯм) ба фаъолият оғоз намуд.***



Масоҳати умумии он 4,2 гектар буда, 250 нафар бачагонро ба бар гирифта метавонад. Маркази солимгардонӣ аз хобгоҳи дуошёна, биноии маъмурӣ, дарсхонаҳою маскани тиббӣ, ошхона, майдончаҳои волейболу минифутбол, амфитеатр ва ҳавз иборат аст. Ба ғайр аз ин, дар он китобхона, хонаи маънавият ва маҳфилҳои гуногун баҳри камолоти зеҳнию маънавии наврасон хидмат мекунад. Дар муассиса мувофиқи барномаи намунавии 12 рӯза ҷараёни корҳо бобати мустаҳкамкунии ҳолати ҷисмонӣ, солимии рӯҳӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва иқтидори эҷодкории бачагон амал мекунад.

Хонаҳо бо мебелҳои замонавӣ, ҷиҳозҳои техникаи маишӣ, асбобу анҷомҳои зарурӣ муҷаҳҳаз гардонда шудаанд.

Дар навбати аввали тобистони имсола дар 143 истироҳатгоҳи вилоят истироҳати 19810 нафар бачагон ба нақша гирифта шуда буд. Аз ҷумла, дар 11 истироҳатгоҳи фаъолияти шабонарӯздошта истироҳати 8400 нафар бачагон, дар 132-то оромгоҳи рӯзона дамгирии 11410 нафар наврасон пешбинӣ шудааст.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 3689. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.